Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-004
дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Фозилов Раҷабмурод Шодиевич, аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 - иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: менеҷмент дар мавзӯи "Ташаккул ва рушди идоракунии иқтидорҳои обию ирригатсионӣ дар доираи рушди устувор" (дар мисоли кишварҳои Осиёи Марказӣ)**

Сатҳи омӯзиши автореферат ба маҷмӯи илмӣ ва амалии буда солҳои зиёди муаллиф оид ба ҷанбаҳои экологӣ ва иқтисодии рушди иқтидори беҳдошт ва обёрии минтақаи биёбонӣ бахшида шудааст, ки ба маҳакҳои рушди устувори иқтисодӣ ва расидан ба истиқлолияти озуқаворӣ дар шароити минтақаи биёбонӣ асосан аз фаъолияти бахши беҳдошт ва обёрикунонии замин вобаста аст. Натиҷаҳои илмӣ, ки зимни таҳқиқот ба даст оварда шудаанд, ба ташаккули заминаҳои илмӣ ва методологии баланд бардоштани самаранокии заминҳои обёришаванда ва самтҳои асосии такмили идоракунии иқтидорҳои обию ирригатсионӣ мусоидат мекунанд.

Аҳамияти амалии мавзӯи мазкур дар он низ зоҳир мегардад, ки пешниҳодҳо оид ба беҳтар намудани самаранокии экологӣ ва иқтисодии комплексҳои барқарорсозӣ ва ирригатсионии минтақаҳои барои обёрикунонӣ ихтиёҷманд, бо дарназардошти табиати мураккаб, дар заминаи навъҳои намудҳои гуногуни чорабиниҳои мелиоративӣ (гидротехникӣ, агротехникӣ, экологӣ, технологӣ ва ғайра) таҳия шудаанд, ки таҳлил ва вазъи нишондиҳандаҳо, тамоюл ва ҳолати истифодаи самараноки иқтидорҳои обию ирригатсионии Осиёи Марказӣ, роҳҳои ҷоннок намудани маблағгузориҳо барои обёрикунонии заминҳо муайян ва асоснок карда шуда заминаҳои пайдоиш ва асосҳои назариявии рушди устувор мавриди омӯзиш қарор гирифта, идоракунии захираҳои обию ирригатсионӣ як самти асосии рушди устувори иқтисодӣ асоснок гардидааст.

Дар автореферат муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки моҳияти омӯзиши ҷанбаҳои назаривию методологии автореферат дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои бадастовардаро олимон ва коршиносони ба ҳалли масъалаҳои идоракунии истифодаи самаранокии иқтидорҳои обию ирригатсионӣ дар доираи рушди устувори иқтисодӣ машғулбуда метавонанд мавриди муҳокима қарор диҳанд, чунки ин раванди мураккаби тағйирёбии иқтисодиёт ба ҳисоб рафта, ҳалли масъалаҳои гуногунҷанбаи хусусиятҳои иқтисодӣ, экологӣ ва иҷтимоӣ доштаро талаб менамояд. Аз ин лиҳоз омӯзиши идоракунии истифодаи самараноки иқтидорҳои обию ирригатсионӣ дар доираи рушди устувор ва такмилдиҳии механизми идораи он дар шароити биёбонии кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ бо назардошти муносибатҳои нави иқтисодӣ, муайян намудани мушкилот ва роҳҳои ҳалли онҳо дар самти такмили механизми рушди муносибатҳои нав, судманд ва ҳамкориҳои дӯстонаи истифодаи захираҳои обҳои байнисарҳадӣ дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошанд.

Бо вуҷуди он, ки автореферат дар сатҳи баланди назариявию методологӣ ва амалӣ иҷро шудааст, баъзе камбудиҳо низ вуҷуд доранд, ки миёни онҳо метавон ҳолатҳои зеринро ҷудо намуд:

**Якум** ба мақсад мувофиқ мебуд, агар эшон мутобиқ ба талаботҳои нави КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷойи баъзе ҷадвалҳо диаграмма месохт.

**Дуюм** дар автореферат баъзе хатогиҳои хусусияти техники дошта ба назар мерасад.

Дар маҷмуъ ин кабудиҳои оварда шуда на он қадар ҷиддӣ буда арзиши назариявию ва амалии кори илмиро паст нахохад кард.

Диссертатсияи номзадии Фозилов Раҷабмурод Шодиевич тавонистааст, ки хеле сариватқӣ ва бомаврид мавзӯи “Ташаккул ва рушди идоракунии иқтидорҳои обию ирригатсионӣ дар доираи рушди устувор” (дар мисоли кишварҳои осиёи марказӣ)-ро ба ҳайси масъалаи

таҳқиқотӣ интихоб намудааст, ки мавриди таҳқиқ, таҳлил ва омӯзиш қарор додааст.

Хулоса, мавзӯи интихобнамудани унвонҷӯ ба талаботи КОА-и аттестатсионии назди Президенди Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 - иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: менеҷмент ҷавобгу мебошад.

Тақриздиҳанда,

доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
кафедраи таҳлили иқтисодӣ Дониш-
гоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон **Кудратов Р.Р**

Суроға: Донишгоҳи давлтии молия ва иқтисоди
Тоҷикистон,734003, ш. Душанбе, хиёбони Нахимов 64/14

Имзои **Кудратов Р.Р** ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус
Донишгоҳи давлатии молия
ва иқтисоди Тоҷикистон **Раҷабов Б.С**

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ